Мувофиқа шудааст
Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити
зисти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

_______ Б. Шерализода
«03» апрел 2024

“Тасдиқ мекунам”
Вазири Вазорати рушди
иқтисод ва савдои
Ҷумҳурии Тоҷикистон

_______ З. Завқизода
«03» апрел 2024

Дастурамали
фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба ҳифзи муҳити
зист, ҳолатҳои фавқулода ва тағйирёбии иқлим
(дар ҷаласаи Гурӯҳи корӣ аз 13 ноябри соли 2023 муҳокима
ва маъқул дониста шудааст)

**1. Муқаррароти умумӣ**

1.1. Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба экология, ҳолатҳои фавқулодда ва тағйиребии иқлим (минбаъд - Гуруҳи корӣ) дар назди Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҲМЗҲҶТ) дар сатҳҳои роҳбарикунанда ва техникӣ таъсис дода шуда, ба гурӯҳҳои кории байниидоравие , ки дар доираи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, дохил мешавад.

1.2. Гурӯҳи кории байниидоравӣ бо мақсади таъмини ҳамгироии ҳадафу вазифаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Ҳадафҳои рушди устувор оид ба ҳалли масъалаҳои экология, ҳолатҳои фавқулодда ва тағйирёбии иқлим ба барномаҳои соҳавӣ ва маҳаллии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, раванди буҷет ва инчунин ба роҳ мондани ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории тарафайни байни мақомоти давлатӣ, шарикони рушд, агентиҳои СММ, ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, ассосиатсияҳои соҳибкорӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор, ки дар ин самт кор мекунанд, таъсис дода мешавад.

**2. Вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Гурӯҳи кории байниидоравӣ**

- муҳокимаи рафти татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР 2030), барномаҳои миёнамуҳлати рушди кишвар дар самти таъмини дастрасӣ ба экология, ҳолатҳои фавқулодда ва тағйиребии иқлим дар ҳошияи ҲРУ, аз ҷумла масъалаҳо ва душвориҳои мавҷуда дар татбиқ, матритсаи амали барномаҳои миёнмуҳлати рушд (БМР) ва ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда;

- таҳлили фаъолияти вазорату идораҳо дар самти татбиқи барномаҳои соҳавӣ оид ба таъмини дастрасии экология, ҳолатҳои фавқулодда ва тағйиребии иқлим тибқи мақсад ва вазифаҳои СМР-2030 ва БРМ Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳияи ҳисоботи миёнамӯҳлати солона ва ниҳоӣ оиди татбиқи СМР-2030, БРМ ва ҲРУ дар соҳаи экология, ҳолатҳои фавқулодда ва тағйиребии иқлим дар доираи самти фаъолияти гурӯҳи корӣ;
- пешниҳоди ҳисоботи миёнамӯҳлати солона ва ниҳоӣ ба Котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи шакли тасдиқшудаи ҳисоботӣ.

### 3. Самтҳои асосии фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравӣ

Гурӯҳи кории байниидоравӣ дар самтҳои зерин фаъолият мекунад:

- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, шарикони рушд, агентиҳои СММ, ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ, бизнес - ассоциатсияҳо ва дигар сохторҳои манфиатдор дар самти ҳалли масъалаҳои экология, ҳолатҳои фавқулодда ва тағйиребии иқлим, ки дар СРМ-2030, БМР ва дигар ҳуҷҷатҳои стратегӣ, барномаҳои маҳаллӣ ва соҳавии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар муайян карда шудаанд;
- такмили заминаи меъерӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;
- таҳкими системаи ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ дар тағйирёбии иқлим ва хатари офатҳои табиӣ;
- баланд бардоштани иқтидори мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои мутобиқ шудан ба тағйирёбии иқлим ва идоракунии хатарҳои офатҳои табиӣ;
- таъмини ҳамгироии амалҳо оид ба барқарорсозии экосистемаҳои табиии таназзулефта ва ҳифзи гуногунии биологӣ;
- такмили заминаи ташкилию ҳуқуқӣ барои системаҳои идоракунии хавфҳои офатҳои табиӣ;
- дастгирӣ ва афзоиши сармоягузорӣ ба тадбирҳои коҳиш додани хатари офатҳо, ки ба таҳкими иқтидори кишвар нигаронида шудаанд; баланд бардоштани сатҳи омодагӣ ба офатҳои табиӣ;
- таърифи возеҳи вазифаҳо ва ваколатҳо, инчунин таъмини ҳамоҳангсозии амалҳои мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист тавассути таҳия ва қабули Кодекси экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳияи ҳуҷҷати "Арзёбии стандартҳои экологӣ", ҷорӣ намудани принсипҳои он дар раванди таҳияи барномаҳои стратегии соҳавӣ ва минтақавӣ;
- тақвияти чорабиниҳои барномавӣ дар соҳаи муҳити зист, аз ҷумла таҳия ва қабули Барномаи давлатии таълими экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи миллии

идоракунии партовҳои сахт ва захираҳои моддии дуюмдараҷа барои давраи то соли 2030, нақшаи миллии амал оид ба мутобиқшавӣ ба тағйиребии иқлим;

- таҳия ва пешниҳоди кадастрҳои миллии газҳои гулхонаӣ, заминаи меъёрӣ-методӣ барои ташкили системаи мониторинг, арзебӣ ва тасдиқи партовҳои газҳои гулхонаӣ;
- ташкили барқарорсозии саҳми миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҳадафи глобалии конвенсияи Чаҳорчӯбаи СММ оид ба тағйиребии иқлим.

## 4. Сохтор ва мақоми Гурӯҳи кории байниидоравӣ

4.1. Гурӯҳи кории байниидоравӣ дар асоси Низомномаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2019, №1282 ба тасвиб расидааст, таъсис ёфта, фаъолияти худро тибқи Дастурамали мазкур ва қарорҳои Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиботи он ва қарорҳои Гурӯҳи корӣ амалӣ менамояд.

4.2. Гурӯҳи кории байниидоравӣ мақоми машваратӣ дошта, фаъолияти он аз ҷониби КҲМЗҲЧТ ва ВРИС ҶТ тибқи Дастурамали мазкур ҳамоҳанг карда мешавад.

4.3. Аъзои Гурӯҳи кории байниидоравӣ намояндагони мақомоти давлатии дахлдори зерин мебошанд:

- Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
- Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,
- Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
- Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,
- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
- Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
- Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
- Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон,
- Кумитаи рушди маҳали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
- Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
- Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
- Бонки миллии Тоҷикистон,
- Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
- Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шарикони рушд:
- БРСММ (ПРООН),
- Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ,
- Хазинаи кӯдакони Созмони Миллали Муттаҳид,
- Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд,
- Бонки рушди Осиё,
- Бнки рушди Исломӣ,
- Иттиҳоди Аврупо,
- Бонки Ҷаҳонӣ,
- ЮСАИД,
- АКТЕД,
- ЮНФПА ва дигар шарикони рушд ва институтҳои молиявӣ

Ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ:
- Ассотсиатсияи миллии маъюбони Тоҷикистон,
- Ассосиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёна,
- Кумитаи миллии Паралимпии Тоҷикистон,
- ТҶ «Лигаи занҳои дорои маъюбияти «Иштирок»,
- Ассосиатсияи волидайни кудакони дорои имкониятҳои маҳдуд,
- ТҶ «ИРОДА»,
- ТҶ «Ғамхорӣ»,
- ТҶ «МИР»,
- ТҶ «Занони Шарқ»,
- ТҶ «Маркази фарҳангӣ-таълимии Томирис»,
- ТҶ “Ҳуқуқшиносон”
- Дигар намояндагони бахши хусусӣ ва ассосиатсияҳои соҳибкорӣ

4.4. Гуруҳи кории байниидоравӣ дар ду сатҳ: сатҳ ба роҳ мемонад: сатҳи роҳбарикунанда ва сатҳи техникӣ.

**4.5. Аъзои Гурӯҳи кории байниидоравӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зеринро соҳиб мебошанд:**
- дар ҷаласаҳои Гурӯҳи кории байниидоравӣ ва инчунин раванди омода ва татбиқи нақшаҳои амал ва қарорҳои қабулнамудаи Гуруҳи корӣ иштирок намоянд,
- дар таҳлили раванди фаъолияти вазорату идораҳо, шарикони рушд, шарикони рушд, агентиҳои СММ, ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, бизнес-ассосиатсияҳо ва дигар тарафҳои манфиатдор дар самти татбиқи

барномаҳои соҳавӣ тибқи ҳадафу вазифаҳои СМР 2030 ва ҲРУ ва омоданамоии ҳисоботи фосилавӣ ва ниҳоӣ иштирок намоянд,

- бо ташаббусҳо баромад кунанд, аз рӯи моҳияти масъалаҳои муҳокимашаванда пешниҳодҳо, эродҳо ва ислоҳот ворид намоянд, ба гурӯҳҳои мавзӯӣ ва гурӯҳҳои коршиносон номзадии мутахассисонро пешниҳод намоянд;
- тамоми маълумотеро, ки барои иҷрои вазифаҳояшон ҳамчун аъзои Гурӯҳи корӣ заруранд, дастрас намуда шинос шаванд;
- дар ҷаласаҳои гурӯҳҳои мавзӯӣ ва гурӯҳҳои коршиносон иштирок намоянд;
- озодона фикру ақидаи худро оид ба ҳар як масъалаи фаъолияти Гурӯҳи корӣ баён кунанд.

4.6. Аъзои гурӯҳ барои ҳамоҳангсозии фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравӣ, омода ва ташкили ҷаласаҳои он, ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба иҷрои қарорҳои Гурӯҳи корӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзӯи фаъолияти он, Котиб(от)и Гурӯҳи кориро интихоб мекунанд.

4.7. Гузаронидани ҷаласаҳо ва қабули қарорҳои Гуруҳи кории байниидоравӣ дар сатҳи роҳбарикунанда, ки роҳбарони мақомоти давлатӣ, шарикони рушд агентиҳои СММ, ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва бизнес – ассосиатсияҳои соҳибкорӣ, ва ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро дар бар мегирад, амалӣ мегардад.

4.8. Фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравӣ дар шаклҳои зерин амалӣ мегардад:

- гузаронидани ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ;
- фаъолияти гурӯҳҳои мавзӯӣ ва коршиносон;
- фаъолияти аъзои Гуруҳи корӣ оид ба татбиқи нақшаҳои амал.

4.9. Барои таъмини фаъолияти мунтазами Гурӯҳи кории байниидоравӣ дар сатҳи техникӣ гурӯҳҳои мавзӯӣ ва коршиносӣ дар самтҳои фаъолияти Гурӯҳи корӣ бо ҷалби мутахассисони дахлдор аз ҳисоби аъзои Гуруҳи корӣ (вазорату идораҳо, шарикони рушд, агентиҳои СММ, ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ, бизнес-ассосиатсияҳо ва ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ташкил карда мешаванд.

4.10. Гурӯҳҳои мавзӯӣ ва коршиносӣ (экспертӣ) дар асоси доимӣ ва ё ба муҳлати муайян тибқи нақшаи кории тасдиқшуда фаъолият намуда, дар маҷлисҳои гуруҳи корӣ аз рӯи ҳуҷҷатҳои омодашуда, қарорҳо ва ғайра ҳисобот медиҳанд.

4.11. Масъалаҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои мавзӯӣ ва коршиносӣ баррасӣ мешаванд ва қоидаҳои кории онҳо дар ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ тасдиқ мешаванд.

4.12. Бо мақсади татбиқи босамари Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва инчунин тақвият бахшидани

муколамаи давлат ва бахши хусусӣ намояндагони ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандии шомили гуруҳи корӣ:

- муколамаи доимиро амалӣ гардонида бо мақомоти давлатӣ, вазорату идораҳо, аз ҷумла шарикони рушд, агентиҳои СММ ва дигар ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкориҳоро рушд медиҳанд;
- ба самъи Гурӯҳи корӣ ташаббус ва пешниҳодҳои ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва бизнес-ассосиатсияҳоро оид ба рушди устувори кишвар ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат дар самти экология, ҳолатҳои фавқулодда ва тағйирёбии иқлим мерасонанд;
- ҳамкориҳои тарафайни доимиро бо доираҳои васеи ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва бизнес -ассосиатсияҳо амалӣ намуда, ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии онҳо оид ба афзалият ва самтҳои калидии фаъолияти давлат ва инчунин ҷалби онҳо ба раванди таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар соҳаи экология, ҳолатҳои фавқулодда ва тағйиребии иқлим бо усулҳои гуногун мусоидат мекунанд;
- ба гуруҳи корӣ дар гузаронидани мониторинг ва арзёбии татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар самти экология, ҳолатҳои фавқулодда ва тағиребии иқлим бо ҷамъоварии маводҳои эмпирикии иловагӣ аз ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва бизнес -ассосиатсияҳо оид ба татбиқи СМР 2030 ва барномаҳои миёнамуҳлати рушд ва ба инобат гирифтани минтақаҳои гуногуни кишвар ва манфиатҳои нисбатан осебпазири аҳолӣ кумак мерасонанд;
- ба самъи гуруҳи корӣ натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии ҷамъиятиро оид ба самтҳои калидии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар соҳаи экология, ҳолатҳои фавқулодда ва тағйиребии иқлим мерасонанд;
- оид ба гузаронидани чорабиниҳои ҷамъиятӣ дар бораи самтҳои калидии сиёсати ичтимоию иқтисодии давлат дар соҳаи экология, ҳолатҳои фавқулодда ва тағиребии иқлим бо иштироки аъзои гуруҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони мақомоти давлатӣ ва дигар мақомоти соҳавӣ бо ташаббусҳо баромад мекунанд.

4.13. Қабул намудани аъзои нав ба ҳайати гуруҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони мақомоти давлатӣ, ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва бизнес - ассосиатсияҳо аз ҷониби Шӯро бо пешниҳоди Котиботи Шӯро амалӣ гардонида мешавад.

4.14. Шомил намудани намояндагони ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳайати гуруҳи корӣ дар асоси ариза оид ба қабул кардан ба аъзогии гуруҳи корӣ бо замимаи ду тавсиянома аз ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандии дорои мақоми ҷумҳуриявӣ амалӣ карда мешавад.

4.15. Шомил намудани намояндагони бахши хусусӣ ва бизнес -ассосиатсияҳо ба ҳайати гуруҳи корӣ дар асоси аризаи онҳо оид ба қабул кардан ба аъзогии

Гурӯҳи корӣ бо замимаи ду тавсиянома аз бизнес-ассосиатсияҳои дорои мақоми ҷумҳуриявӣ амалӣ карда мешавад.
4.16. Намояндагии ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва бизнес - ассосиатсияҳо дар ҳайати гуруҳи корӣ бояд на камтар аз 30 фоизи шумораи умумии аъзои гуруҳи кориро ташкил диҳад.

## 5. Роҳбари Гурӯҳи кории байниидоравӣ

5.1. Роҳбари Гурӯҳи кории байниидоравӣ намояндаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон мебошад. Роҳбари Гурӯҳи корӣ дар доираи ваколатҳои худ тибқи Дастурамали мазкур фаъолияти Гурӯҳи кориро ташкил менамояд.
5.2. Барои ноил шудан ба мақсад ва татбиқи вазифаҳои Гурӯҳи корӣ, Роҳбари гурӯҳи корӣ вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:
- фаъолияти Гурӯҳи кориро ташкилу ҳамоҳанг месозад ва бевосита роҳбарӣ менамояд;
- ҷаласаҳои Гурӯҳи кориро бо иштироки хамаи тарафхои манфиатдорро ташкил мекунад ва мегузаронад;
- Барои баррасӣ ба Гурӯҳи корӣ пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Дастурамали Гурӯҳи корӣ, лоиҳаи нақшаи кории Гурӯҳи корӣ (тағйирот ба нақшаи мазкур), инчунин рӯзномаи ҷаласаи навбатии Гурӯҳи кориро пешкаш менамояд;
- ба ҷонибҳои манфиатдор оид ба қарорҳои маҷлисҳои Гурӯҳи корӣ маълумот медиҳад;
- аз аъзои Гурӯҳи корӣ маводҳоеро, ки барои иҷрои мақсаду вазифаҳои Гурӯҳи корӣ заруранд, тибқи тартиби муқарраргардида дархост мекунад ва мегирад;
- масъалаҳои марбут ба фаъолияти Гурӯҳи кориро барои муҳокима пешниҳод менамояд;
- бо ҷалби аъзо ва дигар ҷонибони манфиатдор барои иҷрои қарорҳои Гурӯҳи корӣ чораҳо меандешад;
- дигар вазифахоеро, ки Дастурамали мазкур пешбинӣ намудааст ва ба таъмини иҷрои вазифаҳои Гурӯҳи корӣ нигаронида шудаанд, иҷро менамояд;
- иҷрои қарорхои гурӯҳи кориро назорат мекунад;
- дар мавриди зарурӣ зергурӯҳҳоро оид ба соҳаҳои алоҳида таъсис дода, кори гурӯҳҳои мавзӯӣ ва экспертиро ҳамоҳанг месозад;
- протоколҳои ҷаласаҳои Гурӯҳи кории байниидоравии Шӯроро омода ва пеш мебарад;
- ба Котиботи Шӯро ҳисоботи ҷамъбастии Гурӯҳи кории байниидоравиро пешниҳод менамояд.

5.3. Агар Роҳбари гурӯҳи корӣ дар ҷаласаи навбатӣ иштирок карда натавонад, ҷаласаи Гурӯҳи корӣ аз ҷониби яке аз аъзои Гурӯҳи корӣ, намояндаи вазорат ё муассисаи дахлдор, ки аз ҷониби иштирокчиёни ҷаласа интихоб мешавад, бо

аз тарафи ӯ иҷро кардани ваколатҳои дахлдори Роҳбари Гурӯҳи корӣ дар ҷаласаи мазкур, баргузор мегардад.

## 6. Масъулияти котиб(от)и Гурӯҳи кории байниидоравӣ

6.1. Котиб(от)и Гурӯҳи корӣ вазифаҳои навбатиро иҷро мекунад:

- супоришҳои Роҳбари гурӯҳи кориро иҷро менамояд;
- дар асоси пешниҳоди аъзои Гурӯҳи корӣ лоиҳаи Накшаи кории Гурӯҳи кориро (тағйирот ба нақшаи мазкур) таҳия намуда, барои баррасӣ ба Роҳбари гурӯҳи корӣ пешниҳод менамояд;
- омодагии ташкилию техникӣ ба ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ, иҷрои карорҳои Гурӯҳи кориро таъмин менамояд;
- омодагии маводҳоро барои баррасӣ дар маҷлисҳои Гурӯҳи корӣ таъмин менамояд;
- протоколи маҷлиси Гурӯҳи кориро пеш мебарад, ки дар он сана, вақт ва ҷои баргузории ҷаласа, ному насаби аъзои гурӯҳи корӣ ва дигар шахсони дар ҷаласа ҳузурдошта, қарорҳои қабулкардаи аъзои Гурӯҳи корӣ ва дигар масъалаҳои дар ҷаласа баррасишуда инъикос меёбанд;
- аъзои Гурӯҳи кориро на дертар аз се рӯз пеш аз гузаронидани маҷлис дар бораи сана, макон ва вақти гузаронидани маҷлиси дар пешистода ва рӯзномаи он огоҳ менамояд;
- ба аъзои Гурӯҳи корӣ равона кардани хуҷҷатҳои зарурӣ, карорҳои Гурӯҳи корӣ ва дигар маводҳоро таъмин менамояд;
- ба ташкили фаъолияти гурӯҳҳои мавзӯӣ ва экспертӣ (коршиносӣ) кӯмак мерасонад;
- мониторинги рафти иҷрои карорҳои қабулшударо таъмин намуда, дар бобати вазъи иҷрои онҳо дар ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ ҳисобот медиҳад.

## 7. Ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ

7.1. Гурӯҳи корӣ дар доираи салоҳияти худ масъалаҳои зеринро баррасӣ мекунад:

- пешниҳодҳои аъзои Гурӯҳи корӣ, сохторҳои давлатӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- масъалаҳое, ки бо ташаббуси Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва/ё воҳидҳои сохтории он пешниҳод шудаанд.

7.2. Дар ҷаласаҳо натиҷаҳои кори гурӯҳҳои мавзӯӣ ва экспертиро шунида мешаванд ва барои баррасии минбаъдаи масъалаҳо таклифҳо пешниход карда мешаванд.

7.3. Таклифҳое, ки барои баррасӣ аз ҷониби Гурӯҳи корӣ пешниҳод мешаванд, дар шакли хаттӣ ва асоснок манзур карда мешаванд.

7.4. Ба ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ шахсоне даъват шуда метавонанд, ки пешниҳодҳояшон дар ҷаласа баррасӣ карда шаванд ё шахсоне, ки ба манфиатҳояшон ҳангоми баррасии масъала таъсир расонда шавад.

7.5. Ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ вобаста ба зарурат, вале на камтар аз ду маротиба дар як сол гузаронида мешаванд.
7.6. Маҷлис дар ҳузури на камтар аз нисфи шумораи умумии аъзои Гурӯҳи корӣ гузаронидашуда ба ҳисоб меравад.

## 8. Қабули қарор аз тарафи Гурӯҳи корӣ

8.1. Ҳар як аъзои Гурӯҳи корӣ як овоз дорад.
8.2. Қарори Гуруҳи корӣ бо роҳи овоздиҳии ошкоро бо аксарияти маъмули овозҳо қабул карда мешавад. Овози Роҳбари Гурӯҳи корӣ дар сурати баробарии овозҳои аъзои Гурӯҳи корӣ ҳалкунанда мебошад.
8.3. Аъзои Гурӯҳи корӣ, инчунин шахсоне, ки барои иштирок дар ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ даъват шудаанд, ва бо қарори қабулгардида розӣ нестанд, ҳуқуқ доранд хулосаи махсус тартиб дода, онро ба қарор замима кунанд.
8.4. Қарорҳои Гурӯҳи корӣ тавсияҳо ва дастурҳоеро дар бар мегиранд, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи аъзои он ҳатмӣ мебошанд.
8.5. Қарори Гуруҳи корӣ дар шакли хаттӣ (дар шакли протокол) тартиб дода мешавад ва аз ҷониби роҳбар имзо карда мешавад.

## 9. Муқаррароти ниҳоӣ

9.1. Гурӯҳи корӣ барои иҷрои вазифаҳо мутобиқи Низомномаи мазкур ҳуқуқ дорад аз Котиботи Шӯро, дигар Гуруҳҳои кории байниидоравӣ, аъзои Гуруҳи корӣ ва шахсони сеюм маълумоти заруриро барои омӯзиши пурра, ҳамаҷониба ва объективии масъалаҳое, ки ба салоҳияти Гурӯҳи корӣ дохил мешаванд, талаб намояд.
9.2. Гурӯҳи корӣ барои омӯзиши пурра ва ҳаматарафаи масъалаи баррасишаванда ҳуқуқ дорад коршиносонро ҷалб намояд.
9.3. Натиҷаҳои фаъолияти Гурӯҳи корӣ дар сомонаи расмии Котиботи Шӯрои милли рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шуда, дар ҳолати зарурӣ ба ВАО пешниҳод карда мешаванд.